**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид дар мавзуи «Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ: назария, қонунгузорӣ ва татбиқи он дар амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (ш. Душанбе, 2025. - 40 саҳ.).**

Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ асосҳои консептуалӣ ва меъёриро ифода мекунанд, ки татбиқи қонунгузории ҷиноятиро дар самти қонуният, адолат ва инсондӯстӣ таъмин намуда, инчунин самаранокии ҳуқуқӣ ва аҳамияти иҷтимоии онро муайян мекунанд. Чунин принсипҳо хусусияти низомсозӣ дошта, раванди танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятииро муайян намуда, имконпазирии худсариро истисно менамоянд ва риояи ҳуқуқу озодиҳои асосии шахсро дар самти ҳифзи ҳуқуқ таъмин мекунанд. Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бо муқаррароти конститутсионӣ-ҳуқуқие, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфтаанд, пайвастагии амиқ дошта, заминаи меъёрию арзишии сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии давлатро ташкил медиҳанд. Масалаҳои назария, қонунгузорӣ ва татбиқи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар амалия асосии автореферати диссертатсияи Шерализод Самиаллоҳро ташкил медиҳад. Автореферат дар шакли матн дар ҳаҷми 40 саҳифа пешниҳод шудааст. Бояд қайд намуд, ки автореферат аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, қисмҳои асосии таҳқиқот (фишурда), хулоса ва тавсияҳое, ки дар он ҷамъбасти мухтасари таҳқиқот дарҷ гардида, инчунин феҳристи интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мавзуи диссертатсияи Шерализод Самиаллоҳ ба масъалаҳои мубраму муҳими ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумхурии Тоҷикистон - принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шуда, аҳаммияти он бо рушди босуръати татбиқи меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ ба таври назаррас баланд мебошад. Дар ин росто, таҳқиқоти мазкур барои такмили қонунгузории ҷиноятии кишвар ва самаранок намудани ҳолати татбиқи меъёрҳо саҳми назаррас гузошта метавонад.

Дар автореферати мазкур мавзуи таҳқиқот ба таври мукаммал ва ҳамаҷониба пешниҳод шудааст, ки аз қисмҳои муҳим: муқаддима, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, натиҷаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ иборат мебошад.

Муаллиф дар таҳқиқоти худ аз усулҳои гуногуни илмӣ ба таври муассир истифода бурда, ба хулосаҳои дақиқу боэътимод омадааст, ки ба раванди такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард. Ба таври махсус таъкид кардан лозим аст, ки муаллиф оид ба такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба низомсозӣ ва муттаҳидсозии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бо дарназардошти меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва уҳдадориҳое, ки аз санадҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон бармеоянд, пешниҳоду таклифҳои мушаххас манзур намудааст. Аз ҷумла, муаллиф баён медорад, ки «бо мақсади мушаххасан муайян кардани асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ба қ. 3 м. 4 илова намудани муқаррароти зерин зарур мебошад: «Асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ содир намудани кирдорест, ки тамоми аломатҳои ҷиноятӣ пешбининамудаи Кодекси мазкурро дар бар мегирад» (саҳ. 11). Ҳамчунин муаллиф ба таври асоснок андешаеро ҷонибдорӣ менамояд, ки «Вақти содир намудани ҷиноят вақти воқеии ба охир расидани он, аз ҷумла лаҳзаи фаро расидани оқибатҳои

барои ҷамъият хавфноки пешбининамудаи Кодекси мазкур эътироф карда мешавад» (саҳ.11).

Аз андешаҳо ва хулосаҳои дигари дар автореферат пешниҳодшуда маълум мегардад, ки таҳқиқоти мазкур ба таври амиқу ҳамаҷониба таҳия шуда, аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошад. Ин таҳқиқот бо пешниҳоди хулосаҳо ва тавсияҳои мушаххас ва дақиқ метавонад ҳамчун манбаи боэътимод ва муфид барои такмил ва ғанӣ гардонидани меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд.

Дар натиҷаи баррасии мазмун ва муҳтавои автореферати мазкур метавон гуфт, ки таҳқиқоти мазкур дар самти принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ саҳми назаррас дорад. Муаллиф дар равиши таҳқиқоти худ масъалаҳои пешгузошташударо бо усули илмӣ ва таҳлили ҳамаҷониба баррасӣ намуда, натиҷаҳои мушаххас ва боэътимодро ба даст овардааст.

Бо вуҷуди ин, қайд кардан ба маврид аст, ки дар матни автореферат баъзе масъалаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд. Аз ҷумла:

Дар пешниҳоди якуме, ки ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ равона карда шудаанд, муаллиф чунин менависад: Бо мақсади мушаххасан муайян кардани асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ба қ. 3 м. 4 илова намудани муқаррароти зерин зарур мебошад: «Асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ содир намудани кирдорест, ки тамоми аломатҳои ҷинояти пешбининамудаи Кодекси мазкурро дар бар мегирад». Ба ақидаи мо пешниҳоди мазкур баҳснок мебошад, зеро муаллиф чунин мешуморад, ки ҳар як ҷиноят бояд аломати худро дошта бошад. Аломати ҷиноят аз унсурҳои таркиби ҷиноят фарқ доранд ва муқаррароти пешбининамудаи КҶ ҶТ дуруст ба назар мерасад.

Новобаста аз эроди зикргардида, бояд қайд намуд, ки аз ҷониби муаллиф кори илмӣ-таҳқиқотии мукаммал, эҷодкорона ва илмӣ-тахассусӣ анҷом дода шудааст, ки дар он ҳалли масъалаи мубрами имрӯзаи хуқуқи ҷиноятӣ пешниҳод гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид дар мавзуи «Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ: назария, қонунгузорӣ ва татбиқи он дар амалия» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**раиси суди ноҳияи Варзоб** Абдуллозода Ҷ.А.

**Имзои Абдуллозода Ҷ.А.-ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** Исозода Д.О.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735103, н.Варзоб, Ҷамоати деҳоти Варзоб-қалъа, мавзеи Зоғар., Тел. (83153) 5210110; E-mail: varzob@sud.tj, abdullozoda1985@gmail.com**

**«07» 08 2025 с.**